## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ доктори илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Бобораҷабов Бобохон ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович аз он иборат аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои биологии растаниҳо, аз ҷумла обсабзҳо, гуногуншаклӣ, сохтори систематикӣ ва таркиби флораи онҳо яке аз масъалаҳои муҳими илми биология буда, дар муҳофизат ва пешгирии нестшавии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад ва яке аз мубрамтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравaнд. Сохтори рисолаи номзадӣ анъанавӣ буда, он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима ба таври анъанавӣ аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи тадқиқот, бозёфти илмии рисола, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии рисола баррасӣ шудаанд. Муқаддимаи рисола аз ҷиҳати бандубаст, сохтор ва ҷобаҷогузории бахшҳо дуруст тарҳрезӣ шудааст.

Дар муқаддимаи рисола, инчунин, ба таври мухтасар раванди омӯзиши таркиби флораи обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, тағйирёбии мавсимӣ, инкишоф, паҳншавӣ ва муайян кардани ҳолати экологии обанборҳо ва дарёҳо бо ёрии обсабзҳои индикаторӣ, ҳамчунин муайян намудани нақши онҳо дар системаи ғизогирии моҳиён аҳамияти махсуси илмиву амалӣ дорад барасӣ шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи рисола бо назардошти санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ чун қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2010, № 89 «Барномаи пешравии илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2010-2020», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, № 114 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, № 765 «Самтҳои афзалиятноки пешравии илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Гуногунии растаниҳои рагдор ва дараҷаи пасти Тоҷикистон» (№ 01011ДТ028 мӯҳлати иҷро солҳои 2011-2015) робитаи бевосита дорад.

**Боби 1** рисолаи номзадӣ ба шарҳи адабиёт бахшида шудааст, ки дар он унвонҷӯ обанборҳо ва дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон дар маҷмӯъ 162 намуд (195 намуд ва зернамуд) дарёфт гардидааст, ки ба 3 синф тааллуқ доранд. Вале то имрӯз оид ба сохт ва хусусиятҳои ин обсабзҳои сабз, шакли паҳншавии экологию географии намудҳо, тағйирёбии мавсимии обсабзҳои сабз дар ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пурра таҳқиқ нашудааст нишон дода шудааст.

**Дар боби 2** ба таври муфассал оиди тавсифи физикӣ, географӣ ва гидрологии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон баён гардидааст.

**Дар боби 3** мавод ва методи таҳқиқотӣ доир ба гуногунии биологии обсабзҳои сабз дар минтақаҳои таҳқиқотии қисмати Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аз обанборҳои Баҳри тоҷик, Каттасой, Даҳанасой, ҳавзаи дарёҳои Сирдарё, Исфара, Зарафшон ва Искандаркӯл ҷамъоварӣ гардидааст. Дар маҷмӯъ, обсабзҳои сабзи дарёву обанборҳои номбурда, ҳамагӣ 650 намунаҳои обсабзҳо гирд оварда шудааст.

**Дар боби 4** оид ба флора ва таркиби систематикии обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон маълумотҳо дарҷ гардидааст, ки дар ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон 162 намуд (195 намуд ва зернамуд) обсабзҳои сабз муайян карда шудааст,

ки ба 50 авлод, 28 оила, 11 тартиб ва 3 синф таалуқ доранд. Дар инкишофи таркибии алгофлора намояндаи синфи Chlorophyceae мақоми аввалро ишғол намуда, 131 намуд ва зернамуд ба қайд гирифта шудааст, ки 67.17%-и ҳамаи обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимоли ва водии Зарафшонро дар бар мегирад. Аз таркиби умумии намудҳо 31 намуд ва зернамуд бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави барои флораи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Дар боби 5** хусусиятҳои экологӣ ва паҳншавии географии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бахшида шуда дар он оид ба паҳншавии обсабзҳои сабз дар обҳавзаҳои гуногуни минтақаи таҳқиқотӣ нобаробар буда, гуногунамудии зиёд дар обанбори Баҳри тоҷик (138 намуд ва зернамуд) ва нисбатан камтар барои обанборҳои Даҳанасой ва Каттасой (66 намуд ва зернамуд) хос мебошад. Алгофлораи дарёҳо бошад аз ҷиҳати гуногуннамудии обсабзҳо хело кам ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи пасттаринро дарёи Исфара (29 намуд ва зернамуд) нишон дод. Дар ҳавзаҳои обии гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аз ҳама бештар тартибҳои Sphaeropleales, Chlorellales, Chlamydomonadales, Ulotrichales ва Chaetophorales хеле гуногуннамуд буда, 3 ҷои аввалро ишғол мекунанд.

Дар натиҷа унвонҷӯ Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар сатҳи баланд вазифаҳои дарпешгузоштаи худро иҷро намуда, натиҷаҳои беҳтаринро аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ ба даст овардааст.

Хулосаҳо дақиқ ва асоснок буда пурра натиҷаҳои илмии таҳқиқотро фаро мегиранд.

Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти ҶТ таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро фаро гирифтааст.

**Эродхо оид ба баъзе камбудиҳо дар диссертатсия**

Новобаста ба муваффақиятҳои бадастовардаи муаллиф, ҳангоми ҳаматарафа таҳлил намудан баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки онҳо чунинанд:

1. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ мушоҳида мегарданд.
2. Хулосаи рисола каме умумӣ мебошад.
3. Пурра дарҷ нагардидани усулҳо ва маводҳои омӯзиш ба назар мерасад.

Камбудиҳои дар боло зикршуда ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Кори баанҷом расонидашуда натиҷаҳои навтаринро фаро гирифта, ҳар як корхонае, ки дар назди обанбор ҷойгир аст, минтақа ва ҳавзҳои обсофкунӣ ва обтакшонкунӣ барои обҳои ғализи обпартоҳои корхонааш бунёд намояд, зеро дар чунин ҳавзҳо обсабзҳои сабз аз авлодҳои *Chlamydomonas, Scenedesmus, Ankistrodesmus* ва *Chlorella* инкишоф ва афзоиши баландро соҳиб гардида, обҳои ғализро софу безарар мегардонанд пешниҳод намуд.

Аз рӯйи муҳиммияти худ, мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳои диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба талабот оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника, ки дар Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267), ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника арзанда аст.

Доктори илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Бобораҷабов Бобохон

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj

Имзои Б. Бобораҷабов-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ: Мустафазода А.
01.12.2022

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС